Ба сомонаи ДДД

**Маълумот оид ба фаъолияти**

**Лоиҳаи «Рушди таҳсилоти олӣ» дар масоили «Рушди ҳамкориҳои шабакавии байни донишгоҳҳо – омили баланд бардоштани сифати таълим ва рушди касбии ҳайати омӯзгорон»**

**Дархостдиҳандагон**: Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (ДДМИТ); Донишгоҳи давлатии Данғара (ДДД). Давомнокӣ – 20 моҳ (сентябр, 2019 – апрел, 2021)

**Ҳадафи асосии лоиҳа** такмил додани сатҳ ва усули таълим тавассути такмили стандартҳо ва нақшаҳои таълимӣ мутобиқи талаботи ҷараёни Болон, инчунин баланд бардоштани иқтидори касбии ҳайати профессорону омӯзгорон бо истифода аз технологияи муосири иттилоотӣ ва таълимӣ тавасути ташкил кардани шабакаи таълимии онлайн дар байни ду донишгоҳ (ДДМИТ ва ДДД) мебошад.

**Шарики лоиҳа:** Донишгоҳи иқтисодии шаҳри Варна (The University of Economics – Varna), Булғория. Институти ҷамъиятии муҳосибони касбӣ ва аудиторони Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Баҳрабарандагони лоиҳа** ҳайати профессорону омӯзгороне, ки курсҳои омӯзиширо барои ихтисосҳои шабеҳ дар ДДД ва ДДМИТ иҷро мекунанд; донишҷӯёни ихтисосҳои андоз ва андозбандӣ, баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудит дар ҳарду муассиса.

**Натиҷаҳои лоиҳа ва таъсирбахшии ниҳоии он.** Дар доираи амалисозии лоиҳа маҷмӯи фаъолиятҳо мувофиқи талаботи нақшаи амалисозӣ иҷро гардиданд. Лоиҳаи Барномаи давлатии таҳсилоти олии касбӣ ва Нақшаи таълимии барои ихтисоси дар ҳарду муассиса амалкунанда (баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудит; андоз ва андозбандӣ) дар ҳамкорӣ бо мутахассисони дохилию беруна бо назардошти талаботи муосири низоми таҳсилоти кредитӣ таҳия гардиданд. Ҳуҷҷатҳои мазкур ҳамчун намуна барои таҳияи барнома ва нақшаҳои таълимии дигар ихтисосҳо тибқи талаботи муосир ба мақсад мувофиқ мебошад.

Яке аз самтҳои муҳими фаъолияти лоиҳа ташкили инфраструктура барои доир намудани онайн машғулиятҳо мебошад. Дар ин замина синфхонаи муосири таълимӣ дар назди факултети иқтисодиёти миллӣ ва рушди сайёҳӣ бо таҷҳизоти муосир ташкил карда шудааст, ки имконияти пурраи баргузор намудани онлайн машғулиятҳо дар он фароҳам оварда шудааст. Дар доираи талаботи имрӯзаи системаи таҳсилоти олии касбӣ донишгоҳ метавонад профессорону омӯзгорони берунаро барои фаъолияти омӯзгорӣ тавассути онлайн машғулиятҳо ба кор ҷалб намояд. Бо истифода аз таҷҳизоти муосири таълимӣ тайи моҳҳои март ва апрел без аз 30 маротиба машғулиятҳои шабакавӣ аз ҷониби омӯзгорони

ботаҷрибаи ДДМИТ ва ДДД доир карда шуданд, ки ҳамчун таҷрибаи аввалин дар вилояти Хатлон ба ҳисоб меравад. Тавассути системаи мазкур беш аз 170 нафар донишҷӯёни донишгоҳ аз имкониятҳои муосири таҳсилот баҳраманд гардида, он метавонад солҳои оянда низ пурсамар истифода гардад ва дар таъмини сифати таҳсилот саҳми арзанда гузорад.

Аз ҷумлаи ҳадафҳои муҳими лоиҳа гузаронидани омӯзишҳо оид ба таҳияи стандартҳои таълимӣ ва нақшаҳои таълимии ду ихтисоси ҳамшабеҳ ва дигар омӯзишҳо барои 40 нафар омӯзгорон аз ҳарду муассиса бо иштироки мушовирони маҳаллӣ ва хориҷӣ, инчунин таҳияи барномаи такмили ихтисоси ҳайати профессорону омӯзгорон мебошад. Дар ин самт аз оғози фаъолияти лоиҳа 3 маротиба омӯзишҳо дар ДДД ва 3 маротиба дар ДДМИТ бо иштироки тренерон аз хориҷи кишвар ва дохил доир карда шуданд. Омӯзгорон бо имкониятҳои мавҷудаи технологияи иттилоотӣ дар раванди таълим ба таври амалӣ ва назариявӣ шинос гардида, бевосита истифодаи онҳоро аз бар намуданд. Амалисозии ҳадафи мазкур дар баланд бардоштани маҳорату малакаи касбии омӯзгорон вобаста ба талаботи низоми муосири таҳсилот таъсири калон расонида, натиҷаи донишу малакаи андӯхтаи хешро онҳо аллакай дар амал истифода мебаранд.

Ҳамин тавр, амалисозоии ҳадафҳои лоиҳаи “Рушди таҳсилоти олӣ” дар масоили «Рушди ҳамкориҳои шабакавии байни донишгоҳҳо – омили баланд бардоштани сифати таълим ва рушди касбии ҳайати омӯзгорон» барои Донишгоҳи давлатии Данғара басо муҳим арзёбӣ гардида, барои бештар намудани ҳамкориҳоро бо шарикони дохил ва хориҷи кишвар заминаҳои мусоид фароҳам овардааст.

**Ҳамоҳангсози лоиҳа дар**
**Донишгоҳи давлатии Данғара** **Б.Р. Расулов**